**Маркази тамос:**

**«151», «152»**

**Сомонаи Кумитаи андоз:**

**www.andoz.tj**

**Суроғаи электронӣ:**

**info@andoz.tj**

# Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Тавзеҳоти мухтасар***

## *Доир ба андоз аз арзиши иловашуда*

**Душанбе-2023**

**Андозсупорандагони мухтарам!**

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор анҷом додани амалиётҳои (аҳдҳои) моҳияти иқтисодӣ надошта, ҷиҳати минбаъд бекор нагардидани хароҷотҳои тарҳшаванда ва маблағҳои қаблан баҳисобгирифташудаи андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми анҷом додани амалиётҳо вобаста ба таҳвили (хариди) мол, иҷрои кор ва хизматрасониҳо, аз ҳамкорӣ намудан бо "андозсупорандагони бемасъулият" худдорӣ намоед.

Тибқи муқаррароти боби 6 Кодекси андоз масъулияти интихоби контрагентҳо дар муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон, ба зиммаи худи субъекти хоҷагидор вогузор гардидааст. Аз ин лиҳоз, барасмиятдарории амалиётҳое (транзаксияҳое), ки бо мақсади тағйирдиҳии амалиётҳои воқеан анҷом дода шуда равона гардида, боиси кам ҳисоб гардидани (пинҳонкунии) маблағи андозҳо мегардад, ба эътибор гирифта намешаванд.



Мутобиқи талаботи моддаҳои 38-39 Кодекси андоз ҳангоми амалӣ намудани назорати камералии ҳисоботҳои муҳосибӣ ва эъломияҳои (ҳисоботҳои) андозии ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи андозсупоранда, инчунин гузаронидани санҷишҳои сайёри андоз вобаста ба амалиётҳое, ки андозсупоранда ҳангоми анҷом додани онҳо аз манфиатҳои андозӣ беасос истифода намудааст, чунин амалиётҳо аз ҷониби мақомоти андоз беэътибор дониста мешаванд.

Бинобар ин, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳо, ба миён омадани баҳсҳо ва гуногунфаҳмиҳо байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон, субъектҳои хоҷагидорро зарур аст, ки ҳангоми қабули ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда, муқаррароти Кодекси андозро дуруст ва пурра риоя намоянд.



**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

## ИМТИЁЗҲО

Бо андоз аз объектҳои ғайриманқул, объектҳои зерин андозбандӣ карда намешаванд:

- ❖ муассисаҳои давлатӣ, ки бевосита барои иҷро намудани вазифаҳои оинномавии онҳо истифода мешаванд ва фаъолияти онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мегардад;
- ❖ объектҳои ғайриманқуле, ки дар онҳо Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, дорандагони ордени «Ситораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ордени «Зарринтоҷ», ордени «Исмоили Сомонӣ», иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ оид ба муҳофизати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ, аз ҷумла ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни рафъи оқибатҳои фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил, маъюбони гурӯҳҳои I ва II, ба қайд гирифта шудаанд;
- ❖ объектҳои ғайриманқули нафақагирони яккаю танҳо, ки дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо кӯдакони ноболиғ ё кӯдаки маъюб дар хонаи алоҳида зиндагӣ мекунанд;
- ❖ объектҳои ғайриманқули оилаҳои серфарзанд, ки падар ё модар ё ҳар дуи онҳо вафот кардаанд ва дар онҳо панҷ ва зиёда аз он кӯдакони то 16-сола истиқомат доранд;
- ❖ объектҳои ғайриманқули иттиҳодияҳои динӣ, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд;
- ❖ масоҳати объектҳои ғайриманқули давлатӣ, ки бо тартиби муқарраргардида ба иҷора дода шуда, иҷорапулии онҳо дар ҳаҷми пурра ба буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад;

**Барои дастрас кардани маълумоти иловагӣ Шумо метавонед аз маркази тамос, сомона ва ё суроғаи электронии Кумитаи андоз истифода намоед!**

Маркази тамос (call-center):
«151», «152»

Сомонаи Кумитаи андоз:
www.andoz.tj

Суроғаи электронӣ:
info@andoz.tj

# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Маълумоти мухтасар оид ба андозбандии объектҳои ғайриманқул-биноҳо, иморатҳо, иншоотҳо ва молу мулки дигари ғайриманқул




Душанбе 2023

# Оид ба дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андоз барои объектҳои ғайриманқул чиро бояд донист?

## Шаҳрвандони муҳтарам!
## Андозҳои маҳаллиро пардохт намоед!

***Зеро, пардохти андозҳои маҳаллӣ ин саҳмгузории Шумо дар рушду ободонии диёрамон аст.***

***Ба андозҳои маҳаллӣ кадом намуди андозҳо дохил мешаванд?***

Тибқи муқаррароти боби 48 Кодекси андоз ба андозҳои маҳаллӣ андоз аз воситаҳои нақлиёт, ***андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин*** дохил мешаванд.

***Доштани маълумоти зерин оид ба супоранда, объетҳои андозбандӣ, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул ҳамагуна нофаҳмиҳоро байни Шумо ва мақомоти андоз аз байн мебарад:***

- ***Супорандагони*** *ин намуди андоз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки онҳо соҳибони объектҳои ғайриманқул ба ҳисоб мераванд ё ин ки объекти ғайрманқулро истифода мебаранд.*
- *Ба* ***объектҳои андозбандии андоз аз объектҳои ғайриманқул*** *биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, объектҳои сохтмонии нотамом (аз лаҳзаи зиндагонӣ кардан ё истифода бурдан), иморатҳо, аз ҷумла пентхаус (масоҳати истиқоматӣ (квартира, иморат) дар бом ё минтақаи алоҳидаи қабати болоии бино), бӯстонсаройҳо, гаражҳо, саройҳо, биноҳои нигоҳдории чорво, биноҳои дигари ёридиҳанда ва молу мулки дигаре, ки ҷойивазкунии онҳо бе расонидани зарари моддӣ ғайриимкон аст, дохил мешаванд.*
- ***Манбаи андоз -*** *масоҳати умумии ишғолнамудаи объекти ғайриманқул ва барои биноҳои бисёрошёна бошад, масоҳати ҳар ошёнаи чунин бино дар алоҳидагӣ, ба ҳисоб меравад.*
- *Агар биноҳои истиқоматӣ таҳхона ва болохона дошта бошанд ва дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда шаванд, дар чунин ҳолат манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи таҳхона ва болохона ба ҳисоб меравад.*
- *Масоҳати объектҳои ғайриманқул дар асоси ҳуҷҷатҳои техникӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари расмии дахлдор муайян карда мешавад.*
- *Дар ҳолати имконнопазир будани ченкунии андозаи (ҳаҷми) объектҳои ғайриманқул, масоҳати умумии объект аз ҷониби кормандони мақомоти андоз бо иштироки андозсупоранда аз рӯи масоҳати дохилии объект, бо замми коэффисиенти 1,25 зарбшуда муайян карда мешавад.*

- ***Меъёри андоз аз объекти молу мулки ғайриманқул*** *вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи объекти молу мулки ғайриманқул ва мақсади истифодабарии он* ***бо фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо*** *муайян карда мешавад.*
- **Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар соли 2023 маблағи 68 сомонӣ ва дар соли 2024 бошад, 72 сомонӣ муқаррар гардидааст.**
- Меъёри андоз барои объектҳои ғайриманқули ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашавандаи то 90 метри мураббаъ - ба андозаи 3 фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо назардошти коэффитсиенти митақавӣ, аз 90 то 200 метри мураббаъ - 4 фоиз ва зиёда аз 200 метри мураббаъ - ба андозаи 6 фоиз муайян карда мешавад.
- **коэффитсиенти митақавӣ дар миқёси шаҳри Душанбе 1 пешбини гардидааст.**

*Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқули ба сифати биноҳои истиқоматӣ истифодашаванда дар қаламрави шаҳри Душанбе бо чунин тарз муайян карда мешавад:*

*- барои то 90 метри мураббаъ, ба андозаи 2,04 сомонӣ барои ҳар як метри мураббаъ (68 * 3 : 100);*

*- барои масоҳати (аз 90 то 200 метри мураббаъ) 2,72 сомонӣ барои ҳар як метри мураббаъ (68* 4 :100) ва барои масоҳати боқимондаи онҳо (зиёда аз 200 метри мураббаъ) 4,08 сомонӣ барои ҳар як метри мураббаъ.*

**Мисол:** Истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе шаҳрванд Умаров Х. соҳиби хонаи истиқоматӣ дар бинои бисёрошёна бо масоҳати 220м$^2$ мебошад. Тибқи тартиби муқарраршуда маблағи андоз аз объекти ғайриманқули Умаров Х. барои соли 2023, 564,40 сомониро ташкил мудиҳад:

*- 68 х 3 / 100 х 1,0 х 90м$^2$ = 183,60 сомонӣ;*
*- 68 х 4 / 100 х 1,0 х 110м$^2$ =299,20 сомонӣ;*
*- 68 х 6 / 100 х 1,0 х 20м$^2$ = 81,60 сомонӣ.*

Андозсупорандаи муҳтарам, Шумо метавонед, ки маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқули худро бо тартиби сода бо бо истифодаи ҳисобкунаки андози сомонаи Кумитаи андоз ҳисоб намоед:

(https://andoz.tj/TaxCommittee/TaxCalculator)

Инчунин, коэффитсиенти митақавиро доир ба шаҳру ноҳияҳо метавонед аз Кодекси андоз (моддаи 348) ва сомонаи расмии Кумитаи андоз **(www.andoz.tj)** дастрас намоед.

Шаҳрвандони муҳтарам, пас аз ҳисоб кардани маблағи андози объекти ғайриманқул, Шумо метавонед бе ташриф овардан ба мақомоти андоз, тавассути ҳамёнҳои электронӣ ва ё кортҳои бонкӣ бо истифода аз хизматрасонии эквайрингии Кумитаи андоз маблағи андозро пардохт намуда, *ҳатман расиди пардохти андози объекти ғайриманқулро барои тасдиқот бо худ нигоҳ доред.*

***Шаҳрвандони муҳтарам, доир ба муҳлати пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул маълумоти зеринро дар ёд дошта бошед:***

- *Маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқули андозбандишаванда* ***барои ҳар соли тақвимӣ*** *ҳисоб ва пардохт карда мешавад.*
- *Маблағи андоз барои соли ҳисоботӣ, аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ* ***дар мӯҳлатҳои на дертар аз рӯзи 15-уми моҳи дуюми ҳар семоҳа ба андозаи аз чор як ҳиссаи маблағи солонаи андоз пардохт карда мешавад.***
- *Ҳисоб намудани андозҳо аз молу мулк (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул) бо роҳи зарб задани манбаи андоз ба меъёрҳои дахлдори андоз оид ба ҳар як объекти андозбандӣ алоҳида анҷом дода мешавад.*

Ҳангоми дар муҳлатҳои дар қонунгузорӣ муқаррargардида аз ҷониби Шумо саривақт пардохт нагардидани маблағи андозҳо аз молу мулк, мақомоти андоз тибқи қонунгузорӣ нисбати Шумо муҷозотҳои молиявиро (фоизҳоро) ҳисоб менамоянд.

***Шаҳрвандони мӯҳтарам, дар ҳолати ба миён омадани нофаҳмӣ ё мушкилот ҳангоми ҳисоб намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, Шумо метавонед ба Гурӯҳи иттилооти Кумитаи андоз бо истифода аз рақами "151" дар тамос шавед.***

**Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист! (моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).**

**Барои дастрас намудани маълумоти иловагӣ, Шумо метавонед аз маркази тамос, сомона ва ё суроғаи электронии Кумитаи андоз истифода намоед!**

**Маркази тамос (call-center):**

**«151», «152»**

**Сомонаи Кумитаи андоз:**

***www.andoz.tj***

**Суроғаи электронӣ:**

**info@andoz.tj**

# КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Тавзеҳоти мухтасар***

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## *Доир ба андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ*

***Душанбе-2023***

Андозсупорандаи мухтарам!

Шахсони ҳуқуқие, ки дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият менамоянд, ӯҳдадор мебошанд, то 1-уми апрели баъди соли ҳисоботӣ эъломияи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва ҳисобот оид ба ҳолати молиявии корхонаро (тавозуни муҳосибӣ) ба мақмоти андоз пешниҳод намоянд.

Ҳангоми таҳия ва пешниҳод намудани эъломияи андоз андозсупорандагонро зарур мебошад, ки муқаррароти зеринро ба инобат гиранд:

-андозсупорандагоне, ки дар як вақт намудҳои гуногуни фаъолиятро амалӣ менамоянд ва барои онҳо дар Кодекси андоз шартҳо ва низомҳои гуногуни андозбандӣ муқаррар гардидааст, ӯҳдадоранд баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро дар асоси нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳоси-бӣ, аз рӯи чунин шартҳо ва низомҳо анҷом диҳанд *(моддаи 90 Кодекст андоз)*;

-андозсупорандагоне, ки дар низоми умумии фаъолият менамоянд, ӯҳдадоранд баҳисобгирии даромад ва хароҷотро бо усули ҳисобу замкунӣ пеш баранд;

-ҳамагуна даромади андозбандиша-ванда, сарфи назар аз маҳал ва усули пардохт, объекти андозбандӣ ба ҳисоб рафта, ба қисмати даромади умумӣ дохил карда мешавад (*моддаи 182 Кодекси андоз*);

-манбаи андоз аз даромади андозсупоранда-резидент дар давраи ҳисоботӣ ин фарқияти байни даромади умумӣ ва хароҷотҳои тарҳшавандае мебошад, ки барои чунин давра иҷозат дода шудааст *(моддаи 183 Кодекси андоз)*;

-аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд, ки дар Кодекси андоз ва (ё) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, тарҳ карда мешавад (*қисми 1 моддаи 190 Кодекси андоз*);

-тарҳи хароҷот дар ҳолати мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои ба таври дахлдор ба расмият даровардашуда, ки хароҷоти воқеии вобаста ба гирифтани чунин даромадро тасдиқ менамоянд, иҷозат дода мешавад (*қисми 2 моддаи 190 Кодекси андоз*);

-ҳама гуна хароҷот бояд бо ҳуҷҷати дахлдор дар бораи хароҷот бо ифодаи пулӣ, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» пешбинӣ гардидааст, тасдиқ карда шавад (*қисми 3 моддаи 190 Кодекси андоз*).

Ба инобат гирифта шавад, ки тарҳ нисбат ба хароҷоте, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест, инчунин хароҷоти вобаста ба хариди мол (кор, хизматрасонӣ) аз соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд, иҷозат дода намешавад.

Инчунин, тарҳ нисбат ба хароҷоти вобаста ба сохтмон, истифодабарӣ ва нигоҳдории объектҳо, инчунин хароҷоти дигаре, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолоти асосӣ) алоқаманд нест, амалӣ карда намешавад *(моддаи 192 Кодекси андоз)*.

Намудҳои зерини даромадҳои шахсони ҳуқуқӣ андозбандӣ карда намешаванд:

1) муассисаҳо, иттиҳодияҳои динӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратии хайриявӣ, байниҳукуматӣ ва байнидавлатӣ (байналмилалӣ), ба истиснои даромадҳое, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд. Чунин муассисаҳо ва ташкилотҳо ӯҳдадоранд ҳисобдории алоҳидаи фаъолияти асосии худ (фаъолияти аз андози даромад озодшуда) ва фаъолияти соҳибкориро пеш баранд;

2) маблағгузорониҳои ройгон, молу мулки ройгон ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд ва барои фаъолияти ғайритиҷоратӣ истифода мебаранд, инчунин аъзоҳаққиҳо ва хайрияи гирифтаи онҳо;

3) даромадҳои Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;

4) суди саҳмияҳое, ки корхонаҳо-резидентҳо аз корхонаҳо-резидентҳо мегиранд;

5) кумакҳои молиявие (субсидияҳое), ки муассисаҳои давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории фаъолияти худ мегиранд;

6) даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, агар муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ҳаҷмҳои дар поён зикргардидаи сармоягузориҳоро ба муҳлатҳои зерин ворид намоянд:

а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кунад;

б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад.

7) даромадҳои аз фаъолияти сайёҳӣ бадастомада дар давоми 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар сурати мавҷудияти иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ.

Муқаррароти банди 6) нисбат ба корхонаҳое, ки истихроҷи канданиҳои фоиданок ё амалиётҳоро дар соҳаи нафту газ амалӣ менамоянд, татбиқ карда намешаванд.

***Соҳибкори мӯҳтарам!***

Мақомоти андоз ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи тартиби нав Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи аз 31 марти соли 2022, №151 тасдиқ гардидааст, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент як қатор сабукӣ ва имтиёзҳо муқаррар гардидаанд, ки ҳангоми фаъолият иҷрои он аз ҷониби соҳибкорон ҳатмӣ мебошад.

Аз ҷумла, як қатор номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент амалишаванда аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус гузаронида шуданд. Яъне, минбъд он соҳибкороне, ки намуди фаъолияти амалишвандаи онҳо ба номгӯи нав мутобиқат наменамоянд, уҳадор мебошанд, то санаи 1 июли соли 2022 шакли ташкилию ҳуқуқии худро иваз намуда, фаъолияти минбаъдаи худро аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва шаҳдатнома дар низомҳои андозбандӣ ба роҳ монанд.

**Андозсупорандаи мӯҳтарам дар хотир дошта бош!**

Тибқи тартиби нави қабулшуда, барои соҳибкорон аз рӯи патент чунин сабукӣ ва имтиёзҳо пешбинӣ карда шудаанд. Аз ҷумла,

- барои соли ҷорӣ маблағи андози патент зиёд нагардида, дар ҳаҷми соли 2021 пешбинишуда нигоҳ дошта шуда, дар дигар ҳолат аъзе аз маблағҳои патент камтар пешбинӣ карда шуданд;
- ҳадди даромади умумии соҳибкори дар асоси патент фаъолияткунанда дар соли тақвимӣ аз 100 ҳазор сомонӣ ба 200 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст;
- соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда аз пардохти андоз аз даромад, ба истиснои андоз аз даромад ва андози иҷтимоии бевосита ба маблағи патент дохилшаванда ва аз пешниҳоди ҳисоботи андоз озод мебошад;
- ҳангоми бемории бистарӣ, дар давраи рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд, дар давраи дар хизмати ҳарбӣ қарор доштан, рух додани сӯхтор ва офатҳои табиӣ дар маҳалли фаъолият, бо санади судӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва (ё) дар изолятор (тавқифгоҳ)-и тафтишотӣ қарор доштан, дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан ва ҷорӣ гардидани карантин дар маҳалли фаъолият андозҳо барои патент дар ин давра пардохт карда намешаванд;
- аз лаҳзаи вафоти соҳибкори инфиродӣ, эътибори қонунӣ пайдо кардани санади судӣ оид ба бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф гардидани соҳибкори инфиродӣ (дар сурати набудани ворис ҳуқуқӣ), маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ андозҳо барои патент пардохт карда намешаванд;
- барои соҳибкори инфиродие, ки пардохти маблағи патентро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда дар шакли пешпардохт (бо дар назар доштани индексатсия) таъмин менамоянд, маблағи умумии пардохт ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад.

Соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда уҳдадор аст ҳар сол на дертар аз 1-уми марти соли ҳисоботии тақвимӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ бо мақомоти андози маҳалли фаъолият санади муқоисавӣ тартиб диҳад.

Новобаста аз санаи бақайдгирии давлатии огози фаъолият ва ё санаи бақайдгирии давлатии қатъ намудани фаъолият, пардохти мабалғи патент барои соҳибкорони инфиродӣ **то санаи 5-уми моҳи тақвимӣ** ба ҳисоб меравад.

# Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## *Тавзеҳоти мухтасар*

# Доир ба тартиби андозбандӣ ва фаъолият аз рӯи Патент

ш. Душанбе-2022

## Номгӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолият ва меъёри андозҳо барои пардохти патент

(сомонӣ дар як моҳ)

| № | Номгӯйи фаъолият | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Маблағи патент |
|---|---|---|---|---|
| | **1. Хизматрасонии нақлиётӣ** | | | |
| 1 | **Кашонидани мусофирон ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрав, аз ҷумла:** | | | |
| | - барои воситаҳои нақлиёти шахсӣ | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| | - барои воситаҳои нақлиёти иҷоравӣ | 80,0 | 30,0 | 110,0 |
| 2 | **Кашонидани мусофирон ба воситаи микроавтобусҳо, аз ҷумла:** | | | |
| | - барои воситаҳои нақлиёти шахсӣ | 145,0 | 75,0 | 220,0 |
| | - барои воситаҳои нақлиётӣ иҷоравӣ | 100,0 | 50,0 | 150,0 |
| 3 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш то 5 тонна, эвакуатор ва манипуляторҳо | 150,0 | 50,0 | 200,0 |
| 4 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 5 то 10 тонна | 180,0 | 60,0 | 240,0 |
| 5 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 10 то 20 тонна | 250,0 | 100,0 | 350,0 |
| 6 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш аз 20 то 40 тонна | 600,0 | 120,0 | 720,0 |
| 7 | Кашонидани борҳои гуногун ба воситаи нақлиёти автомобилии борбардориаш зиёда аз то 40 тонна | 680,0 | 150,0 | 830,0 |
| 8 | Хизматрасонии экскаватор ва автокранҳои борбардор (ба истиснои кранҳои манораваи барқӣ) | 291,0 | 147,0 | 438,0 |
| 9 | Кашонидани борҳо бо трактор ва мотороллерҳо | 60,0 | 20,0 | 80,0 |
| 10 | Шудгор ва коркарди замин бо техникаи кишоварзӣ ва комбайнҳо | 147,0 | 73,0 | 220,0 |
| | **2. Номгӯйи дигари хизматрасонӣ** | | | |
| 11 | Фаъолияти дӯзандагӣ (барои як дастгоҳ) | 100,0 | 50,0 | 150,0 |
| 12 | Хизматрасониҳои сартарошӣ ва ороиши ҳусн (барои як курсӣ) (ба истиснои хизматрасонии визажистӣ, ҷарроҳии пластикӣ ва ташкили студияҳои ороишӣ) | 119,0 | 59,0 | 178,0 |
| 13 | Хизматрасониҳои сантехникӣ, электрикӣ, насбу васли асбобҳои барқӣ ва дигар вобаста ба ороишоти воситаҳои нақлиёт | 100,0 | 50,0 | 150,0 |
| 14 | Таъмири чархҳо дар ҷойҳои махсусгардонидашуда | 170,0 | 80,0 | 250,0 |
| 15 | Насб ва таъмири антеннаҳои маҳворавӣ (ба истисноси корҳои таъмирии антеннаҳои маҳворавии ширкатҳои мобилӣ), таъмири телефон, соат, ҷавоҳирот, техникаи маишӣ ва дигар молҳои рӯзғор | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 16 | Хизматрасонӣ оид ба тез кардани корд, тайёр намудани калид ва микросхема (чипҳо) | 60,0 | 30,0 | 90,0 |
| 17 | Нусхагирии ҳуҷҷатҳо, сабти мусиқӣ дар телефони мобилӣ ва барномарезии он | 170,0 | 90,0 | 260,0 |
| 18 | Ҳоҷатхонаи ҷамъиятии музднок | 170,0 | 90,0 | 260,0 |

Эзоҳ: Андозҳо барои пардохти патент ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд (ба истисноси шаҳрвандоне, ки мақоми гурезагӣ доранд) ба андозаи дукарата аз рӯи ҳамон намуди фаъолияте, ки онҳо истифода мебаранд, пардохт карда мешаванд.

**Маркази тамос:**
(call-center) рақами
**«151»**

*Соҳибкори мӯҳтарам!*

Мақомоти андоз ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи тартиби нав Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи аз 31 марти соли 2022, №151 тасдиқ гардидааст, ки муқаррароти нав доир ба Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродӣ аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он ба соҳибкорони мазкур як қатор сабукиҳо, имтиёзҳо ва афзалиятҳои андӣ муқаррар гардидаанд, ки ҳангоми фаъолият иҷрои он аз ҷониби соҳибкорон ҳатмӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки бо хориҷ гардидани як қатор номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи патент амалишаванда, фаъолияти минбаъдаи чунин соҳибкорон аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба роҳ монда мешавад. Яъне, минбъд он соҳибкороне, ки намуди фаъолияти амалишвандаи онҳо ба номгӯйи нав мутобиқат наменамоянд, уҳдадор мебошанд, то санаи 1 июли соли 2022 шакли ташкилию ҳуқуқии худро иваз намуда, фаъолияти минбаъдаи худро аз рӯи патент ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва шаҳдатнома дар низомҳои андозбандӣ ба роҳ монанд.

**Андозсупорандаи муҳтарам дар хотир дошта бош!**

- тартиби андозбандии фаъолият аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус пешбинӣ карда шудааст, ки маблағи андози он ба монандӣ соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар шакли устувор муайян карда шудааст;
- маблағи андози соҳибкорони тибқи шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда зиёд нагардида, дар ҳаҷми соли 2021 пешбинишуда нигоҳ дошта шудааст;
- ҳадди даромади умумии соҳибкори дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда аз 100 ҳазор сомонӣ ба 500 ҳазор сомонӣ пешбинӣ карда шудааст;
- фаъолияти иқтисодии хориҷии анҷомдодашвандаи соҳибкори дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда (воридот ва содироти молҳо) то 500 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст;
- соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда ҳуқуқ дорад барои амалӣ намудани фаъолият то 2 корманди кироярo ҷалб намояд (ба истисноӣ фаъолият барои истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ);
- ҳангоми бемории бистарӣ, дар давраи рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд, дар давраи дар хизмати ҳарбӣ қарор доштан, рух додани сӯхтор ва офатҳои табиӣ дар маҳалли фаъолият, бо санади судӣ дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва (ё) дар изолятор (тавқифгоҳ)-и тафтишотӣ қарор доштан, дар муҳоҷирати меҳнатӣ будан ва ҷорӣ гардидани карантин дар маҳалли фаъолият андозҳо барои патент дар ин давра пардохт карда намешаванд;
- барои соҳибкори инфиродие, ки пардохти маблағи андозхоро барои 3 моҳи тақвимии минбаъда дар шакли пешпардохт (бо дар назар доштани индексатсия) таъмин менамоянд, маблағи умумии пардохт ба андозаи 10 фоиз кам карда мешавад.

Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда уҳдадор аст ҳар сол на дертар аз 1-уми марти соли ҳисоботии тақвимӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ бо мақомоти андози маҳалли фаъолият санади муқоисавӣ тартиб диҳад.

Новобаста аз санаи бақайдгирии давлатии оғози фаъолият ва ё санаи бақайдгирии давлатии қатъ намудани фаъолият, пардохти маблағи устувори андоз барои соҳибкорони инфиродӣ **то санаи 5-уми моҳи тақвимӣ** ба ҳисоб меравад.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Тавзеҳоти мухтасар***

# Доир ба тартиби андозбандӣ ва фаъолият аз рӯи шаҳодатнома бо шартҳои махсус

**ш. Душанбе-2022**

**Номгӯйи**
**намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус амалишаванда ва андозаи пардохт барои шаҳодатнома бо шартҳои махсус**

(бо сомонӣ)

| № | Номгӯйи намудҳои фаъолият | Пардохти моҳона | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Андоз аз даромад | Андози иҷтимоӣ | Ҳамагӣ пардохт |
| 1 | Фурӯши яхмос, квас ва дигар обҳои ташнашикан ва хӯрокворӣ барои як дастгоҳ ё объекти сайёр дар кӯча | 120,0 | 50,0 | 170,0 |
| 2 | Истеҳсол ва фурӯши нос | 233,0 | 117,0 | 350,0 |
| 3 | Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла мевагӣ ва сабзавоти тару тоза, турушонидашуда, инчунин маҳсулоти ширӣ, гиёҳҳои худрӯи шифобахш ва зира | 73,0 | 36,0 | 109,0 |
| 4 | **Фурӯши молҳои омехтаи ниёзи мардум, аз ҷумла маҳсулоти саноатӣ, хӯрокворӣ ва кишоварзӣ дар растаҳои ғайристатсионарӣ:** | | | |
| | 4$^1$ - дар растаҳои то 3 м | 100,0 | 50,0 | 150,0 |
| | 4$^2$ - дар растаҳои аз 3 м то 6 м | 150,0 | 75,0 | 225,0 |
| 5 | **Фурӯши молҳои омехта дар нуқтаҳо ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ (ба истиснои техникаи маишӣ ва асосбобҳои барқи, бидуни тақсимоти дохили биноҳои калон ба якчанд нуқтаҳои савдо):** | | | |
| | - то 10 м$^2$ | 250,0 | 100,0 | 350,0 |
| | - зиёда аз 10м$^2$ то 15м$^2$ | 437,0 | 137,0 | 574,0 |
| | - зиёда аз 15м$^2$ то 20м$^2$ | 585,0 | 143,0 | 728,0 |
| | - барои шаҳри Душанбе 100 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - барои шаҳрҳои Хуҷанд ва Бохтар 80 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 60 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| | - берун аз марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо 50 фоизи маблағи нишондодашуда | | | |
| 6 | Фаъолияти суратгирӣ, банаворгирии ҷашну маъракаҳо (бидуни ташкили студияҳо) (берун аз бинои статсионарӣ) | 88,0 | 44,0 | 132,0 |
| 7 | Фаъолияти сарояндагӣ (бе ташкили студияи шахсӣ) | 641,0 | 147,0 | 788,0 |
| 8 | Барандагӣ, навозандагӣ, раққосӣ ва банаворгирии ҷашну маъракаҳо | 115,0 | 59,0 | 174,0 |
| 9 | Истифодаи нақлиёти махсуси автомобилӣ дар базмҳои арӯсӣ ва анҷом додани дигар ороишот барои баргузории ҷашну маърака ва чорабиниҳои фарҳангӣ | 170,0 | 85,0 | 255,0 |
| 10 | Корҳои оҳангарии асбобҳои рӯзғор | 120,0 | 40,0 | 160,0 |
| 11 | Фаъолият оид ба истихроҷи канданиҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ | 50 | 30,0 | 80,0 |
| 12 | Корҳои сохтмонию таъмирӣ ва рангуборкунӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ ва дигар хизматрасониҳо вобаста ба корҳои таъмирӣ | 115,0 | 59,0 | 174,0 |
| 13 | Таъмири воситаҳои нақлиёт, шустушӯйи воситаҳои нақлиёт ва қолинҳо | 233,0 | 117,0 | 350,0 |
| 14 | **Фаъолият оид ба осиёбҳои хурди обӣ (дар деҳотҷойҳо)** | 140,0 | 60,0 | 200,0 |
| 15 | **Фаъолияти репетиторӣ ва таълимии инфиродӣ** | 115,0 | 59,0 | 174,0 |

1. Андозҳо барои шаҳодатнома бо шартҳои махсус барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд (ба истиснои шаҳрвандоне, ки мақоми гурезагӣ доранд) ва соҳибкороне, ки дар минтақаҳои яклухтфурӯшии бозорҳо фаъолият менамоянд, ба андозаи дукарата аз рӯи ҳамон намуди фаъолияти интихобнамуда пардохт карда мешавад.

2. Соҳибкори инфиродие, ки ҷойи муайяни савдо надошта, фаъолияти худро тавассути мағозаҳои электронӣ ба роҳ мондааст ва ё намуди фаъолияти амалишавандаи он дар Номгӯй дарҷ нагардидааст, фаъолияти чунин соҳибкор тибқи шаҳодатнома дар низомҳои махсус амалӣ карда мешаванд.

3. Маблағи пардохт барои фаъолияти дар сатри ёздаҳуми Номгӯи мазкур дарҷгардида дар як соли тақвимӣ барои ҳафт моҳ пардохт карда мешавад.

4. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолияткунанда уҳдадораст, вобаста ба дигар даромадҳои худ, ки ба фаъолиятҳои дар Номгӯй дарҷгардида тааллуқ надорад, ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирӣ эъломияи андоз аз даромади шахсони воқеӣ пешниҳод намояд.

**Маркази тамос:**
(call-center) рақами
**«151»**